ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ дар мавзуи «Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Омӯзишу пажуҳиши заминаҳои табъу нашр, вижагиҳои сохторӣ, мавзуӣ, жанрӣ ва амсоли инҳо дар нашрияи ««Омӯзгор», ки асоси рисолаи Нурализода Ноилшоҳ Имомалиро дар бар мегирад, аз муҳимтарин мавзуотест доир ба таҳқиқи таърихи матбуот ва посухи илмии онҳо на танҳо ба таърихи матбуоти даврии тоҷик ғановати илмӣ зам мекунад, балки сабақҳои нашрияи мавриди пажуҳишро барои журналистикаи муосир таквият мебахшанд. Дар пажуҳиш шуруъ аз рӯзҳои нахустини пайдоиши нашрия дар замони Шуравӣ тадричан таҳаввулу такомул ёфтани он дар даврони Истиқлоли давлатӣ бо истифода аз бастаҳои нашрия ва асарҳои илмӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар зимн, нақши нашрия дар татбиқи сиёсати давлатӣ ва баланд бардоштани маърифати ҷомеа нишон дода шудааст.

Аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки муҳаққиқ аз маводу матолиби зиёд истифода карда, ковишҳо ва пажуҳишҳои алоқаманд ба мавзуъро аз ҷиҳати хронологӣ дуруст ва бамаврид омӯхтаву радабандӣ намудааст, таносуби мундарича ва мавзую мазмуни матолиби нашрияро баррасӣ карда, истифодаи жанрҳои публитсистиро дар баррасии масоили маориф мавриди таҳқиқ қарор додааст. Пажуҳиш дар сатҳи баланди илмию методологӣ анҷом ёфтааст.

Дар автореферати диссертатсия оварда шудааст, ки таҳқиқ аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Чунин банақшагирӣ ба муҳаққиқ имкон додааст, ки мубрамияти мавзуи пажуҳиш, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, аҳаммияти

назарӣ ва амалии таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои бамиёнгузошташуда, рисолат ва нақши нашрияи «Омӯзгор»-ро дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон хеле амиқу муназзам таҳқиқ намояд.

Навгонии илмии пажуҳиш дар он ифода ёфтааст, ки бори аввал заминаҳои таърихӣ, раванди ташаккулу инкишофи «Омӯзгор» ҳамчун нашрияи соҳавӣ, вижагиҳои жанрҳои публитсистӣ ва корбасти онҳо дар инъикоси масъалаҳои маориф мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, дараҷаву мавридҳои истифодаи жанрҳои публитсистӣ таҳлилу баррасӣ гардида, унсурҳои асосии жанрсоз ва воситаҳои муассири матнҳои публитсистиву бадеӣ нишон дода шуда, вазъи нашрия дар шароити рушди ВАО мушаххас гардидааст. Самти таҳқиқ дуруст ҷарён гирифтааст ва чунин шеваи пажуҳиш далели ҷаҳонбинии васеъ ва омӯзиши васеи муҳаққиқ доир ба таърихи матбуот ва вижагиҳои сохториву мундариҷавӣ ва жанрӣ ба шумор меравад.

Сохтори диссертатсияи Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ бо низоми хоса ва тақсимбандии пухтаву комил омода шудааст. Бобу фаслҳои он ба ҳам пайванди мантиқӣ дошта, зина ба зина мавзуъро муаррифӣ менамоянд. Хулосаҳои фаслу бобҳо низ аз натиҷаи пажуҳиши фарогири муҳаққиқ ба вуҷуд омада, муҳтаво ва натиҷаи таҳқиқро бозгӯ мекунанд. Дар ҷамъбаст хулосаҳои илмии асоснок ва воқеӣ далели интихоби дурусти мавзуъ ва усули мувофиқи таҳқиқ маҳсуб меёбанд.

Танҳо ба таври пешниҳод барои такмили таҳқиқ ба муаллиф метавон гуфт, ки агар дар фасли сеюми боби сеюм ҳамаи жанрҳои публитсистию бадеӣ мавриди пажуҳиш қарор мегирифт, диссертатсия боз ҳам фарогиртар мешуд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ дар мавзуи «Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон» кори илмии баанҷомрасидаи дорои аҳамияти назарӣ ва амалии дар сатҳи хуби илмию таҳқиқотӣ таълифгардида мебошад ва ба талаботи Коммиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ аст.

Муқарриз:

доктори илми филология, профессор,
мудири кафедраи забони тоҷикии
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» Хоҷазод С.
«19» сентябри соли 2022.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 93-855-52-99
E-mail: Saidmurod70@mail.ru

Имзои Хоҷазод С.-ро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ» Мустафозода А.
«19» сентябри соли 2022.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: 992 (-327) 227-76-57